**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар мавзуи “Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк»)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

*аз “16” 07 соли 2026* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Х. - раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М. - аъзои комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳикматов У.С. - аъзои комиссия, мутобиқи банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич хулосаи зеринро қабул намуд:

## *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи банди 17 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва банди 18 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 «Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267»), мувофиқат мекунад.

Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич 24 июли соли 1993 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич соли 2011 баъди хатми литсей ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2016 бо ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст.

Соли 2020 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро бо ихтисоси «ҳуқуқи иқтисодӣ» ва соли 2023 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси «идоракунии давлат ва ҳуқуқ» хатм намудааст.

Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич аз соли 2016 фаъолияти меҳнатии худро оғоз намуда, дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият кардааст. Аз соли 2016 то соли 2017 ба ҳайси мутахассис оид ба қарз дар маркази хизматрасонии бонкии №06/024-и филиали №06-и БДА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе кору фаъолият кардааст, инчунин аз соли 2017 то соли 2019 ба ҳайси бозрас оид ба кадри филиали №06-и БДА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе кор кардааст. Аз соли 2019 то соли 2020 дар вазифаи иқтисодчии дараҷаи 1 шуъбаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони идораи кормандони Раёсати БДА ҶТ «Амонатбонк» кору фаъолият кардааст. Аз соли 2020 то 2024 ба ҳайси муҳосиби асосии шуъбаи амалиётҳои дохилибонкии идораи ҳисобдории Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк» кор кардааст.

Аз моҳи апрели соли 2024 то 2025 сардори шуъбаи кор бо қарзҳои мушкилситони департаменти бехатарӣ ва кор бо қарзҳои мушкилситони Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк» кору фаъолият намуда, аз соли 2025 то инҷониб муовини директор - сардори шуъбаи кор бо қарзҳои мушкилситони департаменти бехатарӣ ва кор бо қарзҳои мушкилситонии Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк» кору фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти суратҷаласаи №02/3.15 аз 30.09.2020 баррасӣ ва тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Икромӣ Ф.Н. таъйин гардидааст.

Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 5 (аъло) аз 12.09.2022, таърих ва фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) аз 23.12.2020 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло) аз 08.02.2025 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супорида, соҳиби шаҳодатнома гардидааст.

Диссертатсияи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба таври ошкоро аз «27» сентябри соли 2025, протоколи №2.5 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар асоси супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз тарафи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст. Имтиҳонҳо аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм - 5 (аъло), забони хориҷӣ (англисӣ) - 4 (хуб) ва имтиҳон аз рӯи ихтисос бо баҳои

5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супорида шудаанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

## *II. Мутобиқатии мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ*

Диссертатсияи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда бо бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисод саҳм хоҳанд гузошт.

## *III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд*

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 8 кори илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

## *IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ЧТ «Амонатбонк»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Назирӣ Гулбаҳор Назир** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон;

- **Маҳмудов Файзидин Изатулоевич** - номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори департаменти қарздиҳии ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон” .

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Умаров Х.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Шарифзода Б. М.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Ҳикматов У. С.